«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,
Насриддинзода Эмомалӣ Файзиддин
«12» _____ соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзуи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология)

Дар тақризи муассисаи пешбар масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзуи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Диссертатсияи муаллиф ба омӯзиши масъалаи «Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе» нигаронида шудааст, ки он бо як қатор барномаву стратегияҳои дар ин самт қабулгардида алоқамандии бевосита дорад. Аз он ҷумла, ба барномаҳои давлатии «Дар бораи стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» (Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №482); «Дар бораи Барномаи давлатии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, №53); «Дар бораи Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532) марбут аст. Дар марҳилаи кунунӣ мавзуи баррасишаванда як қатор заруратҳои илмӣ ва амалӣ дорад. Аз он ҷумла:

Экологӣ. Нақлиёти автомобилӣ яке аз манбаҳои асосии ифлосшавии муҳити зист, бахусус дар муҳити шаҳрӣ мебошад. Дар натиҷаи ҷараёни босуръати воситаҳои нақлиёт, оксигени таркиби атмосфера коҳиш меёбад. Бинобар он, дар кори илмии пешниҳодгардида консентратсияи газҳои асосии ихроҷшаванда (CO, NO_2 ва SO_2) ба ҳавои атмосфера аз афзоиши ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои хиёбонҳои таҳқиқшаванда муайян карда шуда, тавсияҳои самаранок барои кам кардани таъсири газҳои ихроҷшаванда ба муҳити зист пешниҳод карда шуданд.

Энергетикӣ. Муаллиф дар таҳқиқотҳои гузаронидааш исбот намудааст, ки ҳаҷми воқеии консентратсияи газҳои ихроҷшаванда CO, NO_2 ва SO_2 аз нақлиёти автомобилӣ дар ҳавои атмосфера дар соли 2025 нисбат ба ба соли 2024 ба таври назаррас тағйир ёфта, ба ҳисоби миёна 15,2-28,4% коҳиш ёфтааст. Аз натиҷаҳои бадастомада метавонем хулоса барорем, ки татбиқи **«Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532)** ба зиёд гардидани ҳиссаи электромобилҳои сабукрав дар ҳаракати нақлиётии шаҳри Душанбе (зиёда аз 12821 адад) мусоидат намудааст. Қобили қайд аст, ки **Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон** дар Паёми солонаи худ ба

парлумон изҳор намуданд, ки истифодабарии неруи барқи тозаи дар Тоҷикистон истеҳсолшуда ва зиёд намудани истифодабарии нақлиёти барқӣ метавонад талаботи Тоҷикистонро ба маҳсулоти нафтӣ коҳиш диҳад ва бо ин роҳ ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии вазъи экологӣ дар кишвар мусоидат намояд.

Иқтисодӣ. Таъсири нақлиёти автомобилӣ ба сифати ҳавои атмосфераи шаҳр оқибатҳои назарраси иқтисодӣ дорад. Ифлосшавии ҳаво боиси хароҷоти мустақим (таъсир ба саломатии инсон, истифодабарии сӯзишвории аз ҷиҳати экологӣ тоза, сайёҳӣ ва ғайраҳо) ва ғайримустақим (коҳиш ёфтани шароити зиндагии сокинон, зарар ба экосистемаҳо) барои ҷомеа ва дар маҷмӯъ барои иқтисодиёт мегардад.

Иҷтимоӣ. Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи арзёбии манфии таъсири ҳаракати нақлиёт ба сифати муҳити зист ва ҳаёти сокинони шаҳр, ки дар наздикии роҳи автомобилгард зиндагӣ мекунанд, бо ифлосшавии кимиёвӣ ва физикии ҳаво алоқаманданд. Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳлили натиҷаҳои бадастомада барои кам кардани таъсири манфии ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба сифати ҳавои атмосфера амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо дар сатҳи мақомоти давлатӣ мувофиқи мақсад аст.

Сиёсӣ. Пешбурди сиёсати ягона барои беҳтар кардани ҳавои атмосфера дар асоси татбиқи дастовардҳои муосири техникӣ ва экологӣ, аз ҷумла ташкили мониторинги экологии ҳолати ҳавои атмосфера, қабули қарор дар бораи таъсиси системаи автоматии идоракунии ҳаракати нақлиёти шаҳр, роҳҳои ҳалли меъморӣ-банақшагирӣ ва фаъолияти кабудизоргардонӣ мебошад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

Дар диссертатсияи муаллиф масъалаи арзёбии экологии таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Зарурати

илмию амалии чунин таҳқиқот ба ҳалли мушкилоти муосири олудашавии муҳити зист, афзоиши партовҳои газҳои гулхонай ва вазъи санитарии шаҳр муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар раванди таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методологӣ бо истифода аз дастурҳои санҷидашуда: СД ҶҚ 1378-2005 "Роҳҳои автомобилгард. Баҳисобгирии шиддати ҳаракати нақлиёт"; ҚР ҶҚ 218-04-05 "Дастурҳо оид ба баҳисобгирӣ ва пешгӯии шиддати ҷараёни ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои автомобилгард", "Усули муайян кардани партови воситаҳои нақлиёт барои гузаронидани ҳисобҳои ҷамъбастии ифлосшавии ҳавои шаҳр" ва таҳлили таҷрибавии ифлосшавии ҳавои атмосфера бо истифода аз асбоби сайёри лабораторий ГАНК-4 таҳлил гардида, арзёбии таъсири экологии он дар тамоми давраи таҳқиқот анҷом дода шудааст. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии байналмиллалӣ, стандартҳои сифати ҳаво, нашрияҳои даврӣ, китобҳо, мақолаҳои муаллифони хориҷӣ, рисолаҳо, маводи конференсияҳои илмӣ ва ғайра истифода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ҳаҷми воқеии консентратсияи партови моддаҳои асосии ифлоскунанда (CO, NO_2 ва SO_2) дар роҳҳои хиёбонҳои омӯхташуда дар масофаи беш аз 10 м дар ҳавои атмосфера қариб то арзиши иҷозатдодашуда (ҲҶҒш.р.) коҳиш меёбад (NO_2=0.052-0.012 мг/м^3; SO_2 = 0.021-0.09 мг/м^3). Консентратсияи CO дар диапазони аз 0,464 то 0,513 мг/м^3 тағйир меёбад, ки дар масофаи беш аз 10 м аз меъёри ҲҶҒ ш.р. зиёд нест (ҲҶҒш.р.=3 мг/м^3 ва ҲҶҒш.р.=5 мг/м3). Зиёдшавии консентратсияҳои газҳо аз меъёри ҲҶҒш.р. зиёд барои газҳои NO_2 ва SO_2 дар масофаи то 5 м мушоҳида мешавад.

Дар диссертатсия инчунин, таҳлилҳои сотсиологӣ оварда шудааст, ки зиёда аз нисфи сокинони шаҳр, ки дар пурсиш иштирок доштанд, сатҳи миёнаи ифлосшавии ҳавои атмосфера (56,3%)-ро қайд карданд.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада хулосаҳои илмии асоснок ва пешниҳодҳои амалӣ (муҳандисӣ-техникӣ, ташкилӣ-техникӣ, меъморӣ-банақшагирӣ ва кабудизоркунӣ) тавсия гардиданд, ки барои коҳиш додани ифлосшавии ҳаво аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои ш. Душанбе тавассути ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Хулоса ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашуда бо далелҳои илмӣ, усулҳои муосири таҳқиқоти санҷишӣ (экспериментали) асоснок карда шуда, метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва қабули қарорҳои дахлдор дар самти ташкили мониторинги экологии сифати ҳавои атмосфера, системаҳои мушоҳидаи динамикӣ (ташкили кори постҳои сайёр) бо назардошти таъсири манбаҳои ифлоскунанда (саноатӣ ва автомобилӣ) ва таъсири мутақобилаи омилҳои метеорологӣ ва шароити шаҳрӣ барои рушди устувор истифода шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Дар асоси таҳлилу баррасии мавзуи мазкур навгониҳои зерин ҳосил гардидаанд, ки дорои саҳеҳияти баланди илмӣ мебошанд:

- исбот намудани таркиб, шумора, сарборӣ ва вақтҳои авҷи ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои таҳқиқшавандаи ш. Душанбе;

- асоснок намудани натиҷаҳои ҳисобкунии миқдорӣ ва воқеии ихроҷшавии консентратсияҳои газҳои асосӣ (CO, NO_2 ва SO_2) ба ҳавои атмосфера дар асоси мушоҳидаҳои таҷрибавӣ ва ҳисобӣ;

- исбот намудани эҳтимолияти зиёд шудани газҳои ихроҷшаванда ба ҳавои атмосфера аз меъёри ҲҶҒ ва таъсири он ба саломатии аҳолӣ дар масофаҳои гуногун (аз канори роҳи автомобилгард то 10 м);

- арзёбии сотсиологии таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳавои атмосфера ва сифати зиндагии сокинони шаҳр (дар мисоли

шаҳрвандоне, ки дар наздикии роҳи автомобилгарди хиёбони Н. Қарабоев зиндагӣ мекунанд);

- пешниҳоди тавсияҳои асоснок оид ба коҳиш додани ифлосшавии ҳавои атмосфера аз таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳо ва кӯчаю роҳҳои ш. Душанбе дар асоси амалӣ намудани тадбирҳои самараноки банақшагирии муҳандисӣ, техникӣ, ташкилӣ ва меъморӣ.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Муаллиф дар раванди омузиши мавзу доираи васеи барномаҳои давлатӣ, адабиётҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ ва мақолаҳои муаллифони хориҷию ватаниро мавриди таҳлил қарор дода, дар заминаи таҳқиқоти гузаронидааш арзёбии экологии таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанберо таҳия намудааст.

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар он мебошад, ки муаллиф сатҳи ифлосшавии ҳавои атмосфера ва миқдори ҷараёни нақлиёти автомобилиро дар хиёбонҳои ш. Душанбе омухта, бо усулҳои таҳқиқоти саҳроӣ ва картографӣ пурра намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ дар раванди таълим дар омодасозии донишҷӯёни бакалавр ва магистр аз рӯйи фанҳои «Экология», «Экологияи муҳандисӣ», «Банақшагирии экологӣ ва тарроҳии шаҳрӣ», «Экологияи нақлиётӣ», «Мониторинги экологӣ» ва «Бехатарии фаъолияти инсон» истифода мешаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот ҳолати ифлосшавии ҳавои атмосфераро дар ш. Душанбе аз таъсири ҷараёни зиёди нақлиёти автомобилӣ муайян намуда, натиҷаҳои бадастомада барои кормандони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар таҳияи барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои шаҳрсозӣ ва ғайра истифода мешаванд.

Маводи диссертатсия дар санади татбиқии КМВД "Автобус-1" ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ мавриди истифодабари қарор дода мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва асоснокии он

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардашуда бо ҳаҷми зиёди корҳои таҳқиқотӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои диссертатсия аз назари илмӣ асоснок шудаанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот муаллиф дастурҳо ва асбоби санҷишии муосирро истифода намудаасг.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, нашр шудаанд.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад. Таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди математикии (коррелятсия) натиҷаҳо ва тавсияҳои асоснок оид ба коҳиш додани ифлосшавии ҳавои атмосфера аз таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳо ва кӯчаву роҳҳои ш. Душанбе исбот ва пешниҳод карда шудаанд.

Татбиқи амалии натиҷаҳо на манфиатҳои иқтисодии он

Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд дар қабули қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, лоиҳаҳои роҳсозӣ, банақшагирии лоиҳаҳои шаҳрӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дигар самтҳои экологию иқтисодӣ истифода шавад. Инчунин, натиҷаҳои илмиро метавонад мақомоти давлатии шаҳру ноҳияҳо, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилотӣ олии ҷумҳурӣ дар раванди таълим барои омода кардани донишҷӯёни бакалавр ва магистрҳо истифода баранд.

Тавсияи муҳандисӣ-техникии пешниҳодгардида аз назари экологию иқтисодӣ самаранок буда, неруи барқи истеҳсолшудаи

кишвар метавонад талаботи истифодабарии нақлиёти барқиро дар Тоҷикистон таъмин намояд ва барои кам кардани воридоти маҳсулоти нафтӣ (бензин, солярка) ва беҳтар намудани вазъи экологӣ мусоидат намояд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ

Диссертатсия аз тарафи муаллиф дар сатҳи хуб анҷом дода шуда, таҳлилу ҳисобҳои пешниҳодшуда ва маълумоти таҷрибавӣ оид ба муайян кардани консентратсияи партовҳои ифлоскунанда аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар хиёбонҳои таҳқиқшуда аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд.

Нашри натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқати он

Диссертатсия натиҷаҳои илмии муаллифро дар бар мегирад, ки дастовардҳои шахсӣ ба ҳисоб мераванд. Дар асоси маводи таҳқиқотии диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд. Дар конференсияҳои илмии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ 4 фишурда маърӯзаҳо пешниҳод карда шуданд. Як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироъкорӣ низ дарёфт шудааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва мукаммалии он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омузиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Кори илмӣ дорои 161 саҳифа буда, аз 28 ҷадвал ва 38 расм иборат аст. Рӯйхати адабиёт 164 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар боби якум «Таъсири нақлиёти автомобилӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон» (шарҳи адабиёт). Таҳлили адабиётҳо оид ба таъсири газҳои ихроҷшаванда аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба муҳити зист ва саломатии инсон таҳлил карда шуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти экологӣ, ки ба нақлиёти автомобилӣ алоқамандӣ доранд, муайян карда шуданд. **Дар боби дуюм «Таҳлили шароити иқлимӣ ва ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ҳамчун меъёри арзёбии сатҳи таъсири экологӣ»** тавсифи объектҳои таҳқиқотӣ (хиёбонҳои Н. Қарабоев, А. Сино, И. Сомонӣ ва С. Шерозӣ) ва хосиятҳои табиию иқлимии шаҳри Душанбе (ҳарорат, вазиши шамол, басомади самти вазиши шамол, намнокӣ), ки ба сифати қабати наздизаминии ҳавои атмосфера таъсир мерасонанд, баррасӣ мешаванд. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда арзишҳои миёнаи шумораи се намуди воситаҳои нақлиёт (автомобилҳои сабукрав, боркаш, автобусҳо ва микроавтобусҳо), ки дар давоми як соат аз ҳар як хиёбонҳои мавриди омӯзиш қарордошта гузаштанд, ҳисоб карда шуданд ва ба таври диаграмма нишон дода мешаванд.

Роҳҳои сербортарини шаҳр, ки бо сарбории бештари нақлиёт тавсиф мешаванд, хиёбонҳои Н. Қарабоев (8558 авт./ш.р.) ва С. Шерозӣ (9901 авт./ш.р.) мебошанд. Дар хиёбонҳои А. Сино (6500 авт./ш.р.) ва И. Сомонӣ (7876 авт./ш.р.) бошад шумораи нисбатан камтар дар ҷараёни нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст. Асосан дар ин хиёбонҳо микроавтобусҳо ва автомобилҳои боркаш дар ҷараёни нақлиётӣ камтар буда, саҳми асосиро автомобилҳои сабукравӣ бо сӯзишворӣ ҳаракаткунанда ва электромобилҳо (80%) ташкил медиҳанд. Барои ҳамаи хиёбонҳои омухташуда бандшавии нақлиёт дар роҳ (“соати-авҷ (пик)”) субҳ аз соати 7:00 то 9:00 ва бегоҳӣ аз соати 17:00 то 19:00 авҷ гирифта, суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо ба ҳисоби миёна то 25 км/соат коҳиш меёбад. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар фасли тобистон ба шароити метеорологии шаҳр

таъсир расонда, ҳарорати ҳаво дар назди роҳҳои автомобилгард бо шумораи миёнаи ҳаракати автомобилҳо дар як шабонарӯз (7500 авт./ш.р.) 8,8^{0}С баланд мешавад.

Дар боби сеюм «Усулҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ» усули муайян кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ тавсиф шуда, натиҷаҳо бо усули ҳисобкуни ва ченкунии консентратсияи воқеии сатҳи ифлосшавии ҳаво таҳлил карда мешавад. Барои ҳисоб кардани партовҳои ифлоскунанда аз воситаҳои нақлиёт усули «Муайян намудани партовҳои нақлиёти автомобилӣ барои анҷом додани ҳисобкуниҳои маҷмуи ифлосшавии атмосфераи шаҳрҳо (ҶСК «ИИТ Атмосфера», 2010)» истифода шудааст.

Таҳлили ҳисобии ҳаҷми партови моддаҳои ихроҷшаванда (CO, NO_2, SO_2) аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ нишон медиҳад, ки сатҳи партовҳои ифлоскунанда аз сохтор ва таркиби нақлиёт вобастагии амиқ дорад. Аз шумораи умумии нақлиёти таҳлилшуда автомобилҳои сабукрав, ки зиёда аз 80%-и нақлиётро дар бар мегирад, дар ихроҷшавии газҳо ба ҳавои атмосфера саҳми асосӣ мегузоранд: CO (25,9 г/с); NO_2 (7,58 г/с); SO_2 (0,141 г/с). Саҳми микроавтобусҳо, автобусҳо ва автомобилҳои боркаш бошад, ҳаҷми CO – 30.97 г/с, NO_2 - 5.11 г/с ва SO_2 – 0.134 г/с ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти саҳрой оид ба муайян намудани консентратсияи моддаҳои ихроҷшаванда ба ҳавои атмосфера аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ, ки бо истифода аз газоанализатори сайёри универсалии «ГАНК 4»-и Маркази назорати таҳлилию ташхиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст дар масофаҳои гуногун аз канори роҳ (1-10м) консентратсияи CO, NO_2 ва SO_2 ба ҳисоби миёна дар ҳавои атмосфера дар хиёбонҳои А. Сино ва И. Сомонӣ қариб то сатҳи иҷозатдодашуда мебошад. Дар хиёбонҳои Н. Қарабоев ва С. Шерозӣ бошад консентратсияҳои ҳадди баланди CO, NO_2 ва SO_2 дар масофаи то 5м ба қайд гирифта шудааст: CO – 0,201 мг/м^3,

NO_2 – 0,093 мг/м^3, SO_2 – 0,064 мг/м^3.Таҳқиқотҳои муқоисави, ки дар соли 2025 дар ду хиёбони бузурги шаҳри Душанбе (хиёбонҳои Н. Қарабоев ва И. Сомонӣ) гузаронида шудааст исбот менамояд, ки ихроҷшавии газҳои CO, NO_2 ва SO_2 нисбат ба соли 2024 ба таври назаррас тағйир ёфта, ба ҳисоби миёна 15,2-28,4 фоиз коҳиш ёфтааст. Аз ин натиҷаи бадастомада хулоса бароварда мешавад, ки татбиқи «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532 тасдиқ шудааст, дар амал барои беҳтар намудани вазъи экологӣ дар ш. Душанбе мусоидат намуда истодааст. Чунки зиёд гардидани ҳиссаи автомобилҳои барқии сабукрав дар ҳаракати нақлиётии шаҳри Душанбе (зиёда аз 12 821 адад) барои коҳиш додани таъсири манфии нақлиёт ба муҳити зист ва беҳтар намудани сифати ҳавои атмосфера муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, таҳлилҳои сотсиологӣ нишон медиҳад, ки таъсири манфии ҳаракати нақлиёт ба сифати муҳити зист ва саломатии сокинони шаҳр, ки дар наздикии роҳҳои автомобилгард зиндагӣ мекунанд, аз бемориҳои музмини узвҳои нафас азият мекашанд ва онро бо ифлосшавии ҳавои атмосфера (газ, чанг, дуда, садои баланд) вобаста медонад.

Дар боби чорум «Тавсияҳо оид ба коҳиш додани таъсири манфии ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба сифати ҳавои атмосфера» тадбирҳои пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба кам кардани ифлосшавии ҳаво аз таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар шаҳри Душанбе ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим карда шуданд: муҳандисӣ-техникӣ, ташкилӣ-техникӣ, меъморӣ-банақшагирӣ ва кабудизоркунии роҳҳо ва кӯчаҳои шаҳр. Тавсияҳои пешниҳогардида самаранокии экологию иқтисодӣ дошта, татбиқ намудани онҳо ба коҳиш додани сатҳи ифлосшавии ҳаво умедбахш арзёби мегарданд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи амалкунанда

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 "Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда" мутобиқат мекунад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Тахассуси илмии довталаб Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзуи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки кори илмӣ на танҳо ба муайян намудани таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфера ва саломатии сокинони шаҳр равона гардидааст, балки дорои имкониятҳои илмӣ ва амалӣ буда, дар таҳия намудани барномаҳои давлатӣ, дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмони роҳҳо, лоиҳакашии шаҳрӣ, банақшагирии меъморӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дигар самтҳои иқтисодию экологӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Муаллиф дар кори илмӣ ба иҷроиши «Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2022, №532 тасдиқ шудааст, такя намуда, исбот намудааст, ки зиёдшавии электромобилҳои сабукрав дар ҳаракати нақлиётии шаҳри Душанбе ба коҳиш додани консентратсияи моддаҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера (ба ҳисоби миёна 15,2-28,4%) мусоидат намуда истодааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо, бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферати муаллиф таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, ҷанбаҳои муҳимми мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмӯъ қонеъ карда мешавад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсия дар тақризи мазкур чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия таҳлилҳои илмӣ оид ба таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфера хеле хуб арзёби гардидааст. Агар дар кори илмӣ таҳлили газҳо дар ҳавои атмосфера аз ҳисоби ихроҷшавии газҳои дигар манбаъҳои ифлоскунанда (корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ, иншоотҳои хизматрасонӣ) ба инобат гирифта мешуд, он гоҳ таҳлили аниқи вазъи ҳавои атмосфера дар ш. Душанбе боз ҳам хубтар исбот мешуд.

2. Дар кори илмӣ тағйиротҳои ихроҷшавии консентратсияи газҳои CO, NO_2 ва SO_2 дар ҳавои атмосфера аз таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ дар дар чор фаслҳои солҳои 2022 - 2025 ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Лекин саҳми ҳаҷми умумии ҳамаи партовҳое, ки аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба атмосфера ихроҷ мешаванд (бо тонн/сол, %), нишон дода нашудааст.

3. Дар боби 3 муқоисаи натиҷаҳои ҳисобӣ ва экспериментали миқдори партовҳои ифлоскунандаҳо аз ҷараёни нақлиёти автомобилӣ

дар хиёбонҳои Н. Қарабоев, А. Сино, И. Сомонӣ ва С. Шерозӣ оварда нашудаанд.

4. Дар таҳлилҳои овардашуда, агар паҳншавии консентратсияи газҳои CO, NO_2 ва SO_2 дар харитаи шаҳрӣ бо намуди усули моделсозӣ пешниҳод карда мешуд, кори илмии муаллиф сазовори баҳои баланди илмӣ мегардид. Ба андешаи мо эроду тавсияҳои зикршуда, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсия таҳқиқоти илмии ба итмомрасида буда, саҳми муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ

Диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзуи "Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6. Экология дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6. Экология сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти замимаи 2, бандхои 72-78-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 "Дар бораи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда" тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи экология Бутаев Маҳмадшариф Қодирович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи экологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст, суратҷаласаи №4 аз 11.11.2026с.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои биологӣ, и.в.
дотсенти кафедраи экологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Авғонова Х.Х.

Муқарриз: номзади илмҳои биологӣ,
и.в. дотсент, мудири кафедраи
экологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бутаев М.Қ.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои биологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи экологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азимов М.Л.

Имзоҳои н.и.б.,и.в.дотсент Азимов М.Л., и.в.дотсент, мудири кафедраи экология Бутаев М.Қ. ва н.и.б., и.в. дотсент Авғонова Х.Х.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17.
Телефон: (372) 21-77-11
E-mail: info@uef.tnu.tj
Телефон: (+992) 938010030
E-mail: butaev-dmt@mail.ru